# Тақриз

**ба фишурдаи рисолаи Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи “Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик.**

Омӯзишу таҳқиқи ҳавзаи адабии Чағониён ва рӯзгору осор ва хусусиёти бадеии ашъори Мунҷики Тирмизӣ дар адабиётшиносии тоҷик аз чанд ҷиҳат мубрам ва саривақтӣ мебошад. Зеро то кунун роҷеъ ба ҳавзаи адабии Чағониён ва тамоми паҳлӯҳои зиндагию ашъори Мунҷики Тирмизӣ, махсусан баҳсу баррасиҳо роҷеъ ба ҷараёни зиндагӣ ва осори шоир дар асоси сарчашмаҳо, масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии мероси адабии шоир ба таври шоиста мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Таҳқиқи илмии масоили мазкур дар шинохти ҷойгоҳи Мунҷики Тирмизӣ ва мавқеи ҳавзаи адабии Чағониён дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мусоидат мекунад.

Рисолаи Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзӯи “Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI » бо ҳамин мақсад таълиф шуда, дар такмили ин бахши адабиётшиносии тоҷик аҳаммияти баланд дорад.

Муаллифи рисола ба ҳайси муҳаққиқи кӯшо пажӯҳишоти чандинсолаи худро дар таҳқиқи мавзӯъ ба шакли рисолаи мустанади илмӣ ҷамъбаст намудааст. Аз муҳтавои фишурда бармеояд, ки диссертант дар муқаддима, 3 боб, 7 зерфасл, хулоса ва китобнома бо фарогирии муҳимтарин сарчашмаҳои адабию таҳқиқотӣ муҳити адабии Чағониён ва рӯзгори ашъори Мунҷики Тирмизиро баррасӣ намудааст.

Дар бобу фаслҳои рисола масъалаҳои зиёде дар робита бо масъалаҳои вазъи ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии аҳди Чағониён, вазъи адабии аҳди Чағониён, рӯзгор ва осори Мунҷики Тирмизӣ, тасвирҳои шоирона дар шеъри Мунҷик, осори бозмондаи Мунҷики

Тирмизӣ, аз қабили қасоид, марсия ва ҳаҷву мутоиботи шоир бо овардани санаду далелҳои илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Рисолаи Жумакулов Жамшид аз нигоҳи накду таҳлил, шеваи омӯзиш, забон ва навовариҳо арзиши баланди илмӣ дорад. Арзиши илмию амалии рисола бештар дар чунин нуктаҳо зоҳир мегардад:

1. Муаллиф бо омӯзиши муҳимтарин манобеъ ва таҳқиқоти марбут ба мавзӯъ заминаи хуби пажӯҳишро фароҳам овардааст.
2. Рисола бо фарогирии таҳқиқоти хоса дар масоили вазъи сиёсию иҷтимоии аҳди Чағониён ва рӯзгору осори Мунҷики Тирмизӣ холигоҳеро дар адабиётшиносии тоҷик пур намудааст.
3. Дар рисола назарҳои интиқодӣ ва таҳлилҳои ҷолиби илмӣ ба назар мерасад, ки ин хусусият аз мутолиаи зиёд, умқи дониш ва тафаккури таҳлилии муаллиф дарак медиҳад.
4. Рисола бо сабки хуби илмӣ навишта шудааст. Ин фазилат огоҳии муаллифро аз забон ва усулҳои таҳқиқ ошкор месозад.

Рисолаи Жумакулов Жамшид бо вуҷуди бархурдорӣ аз муҳассаноти фаровон ва муваффақияти муаллиф дар таҳқиқи мавзӯъ аз баъзе норасоиҳо холӣ нест:

1. Ба назари мо, аз рӯи тартиб ва пайдарҳамии таҳқиқи мавзуъ хуб мебуд, ки боби сеюм - “Осори бозмондаи Мунҷики Тирмизӣ” бо боби дуюм, ки “Мунҷики Тирмизӣ ва осори адабии ӯ” ном дорад, муттаҳид карда шуда, дар боби сеюм масъалаи мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоир, забон ва сабки баёни Мунҷик баррасӣ мешуд ва фасли “Тасвирҳои шоирона дар шеъри Мунҷик” низ ба боби сеюм оварда мешуд.
2. Дар баъзе саҳифаҳои фишурда ғалатҳои имлоию услубӣ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо ба фоидаи кор мебуд.

Бар асоси матолиби баёншуда метавон ба хулосае омад, ки рисолаи Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи “Мунҷики Тирмизӣ ва

муҳити адабии  Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI” ба меъёрҳои марбут ба таълифи рисолаҳои номзадӣ комилан мутобиқат дорад ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик  мебошад.

Доктори илмҳои филология,
ректори Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи М. Турсунзода Низомӣ М.З.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Хоразмӣ, 1/7, хонаи 90.
Тел: (+992) 918714350
E-mail: nizomi73@mail.ru

Имзои М.З. Низомиро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ “Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода” Ҳамидова З.Ҳ.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73А.
тел: (+992) 37-231-18-27
E-mail: tajartins@yandex.com

23 августи 2023